# *МАҲФИЛИ ИЛМИИ «МЕНЕҶЕР»-И НАЗДИ КАФЕДРАИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГ ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2025-2026*

«Тасдиқ мекунам»

Декани факутети иқтисод ва идора

н.и.и., дотсент Абдраҳмонов Ф.А.________

«__12__» ______09__________ 2025с.

# Низомномаи маҳфили «Менеҷер»

## 1. Муқаррароти умумӣ:

**1.** «Менеҷер» маҳфили илмии донишҷӯён буда, дар назди кафедраи менеҷмент ва маркетинг-и факултети иқтисод ва идораи ДМТ таъсис ёфтааст. Он дар асоси Низомномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур фаъолият менамояд.
**2.** Маҳфил мустақилона фаъолият менамояд.
**3.** Махфил бо маҳфилу муассисахои илмӣ- ҷамъиятии Донишгоҳ ва берун аз он фаъолона робита барқарор мекунад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳо

**2.1.** Вазифаҳои асосии махфил иборат аст:
-омода кардани аъзоён ба навиштани корҳои курсӣ, дипломӣ, маърӯзаҳо ва ғайраҳо;
-тарғиби андешаронии мустақил дар байни аъзоёни маҳфил;
-омӯзишу таҳлили манбаъ, сарчашма ва адабиёти илмӣ;
-баланд бардоштани савия, маҳорат ва дониши донишҷӯён;
-ҷоннок кардани иштироки донишҷӯён дар корҳои ҷамъияти ва илмӣ;
-густариш додани робитаҳо бо маҳфилҳои дигар;
-шиносоии донишҷӯён бо шахсиятҳои маъруфи кишвар;
-шинохти таърих, тамаддун, фарҳанг ва арзишҳои маънавии ниёгон;
-муқоисаи дастовардҳои бузурги халқҳои ҷаҳон;
-омода кардани аъзоёни маҳфил ба корҳои илмию тадқиқотӣ.

## 3. Усул ва шаклҳои фаъолияти маҳфил.

**3.1.** Маҳфили «Менеҷер» усул ва шаклҳои гуногунро истифода мекунад, аз ҷумла;
-ташкили ҷаласаҳои таълимию илмӣ ба таври мунтазам;
-иштирок дар барномаҳои мухталифи илмӣ, озмун, конкурс ва олимпиадаҳо;
-таъсиси треннингҳо;
-ташкили озмунҳо ва мизи мудаввар;
-вохурӣ бо олимон ва иқтисодчиёни маъруф.

## 4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзоёни маҳфил

**4.1.** Аъзоёни маҳфил тамоми донишҷӯёни кафедраи менеҷмент ва маркетинг-и факултети иқтисод ва идора буда метавонанд.
**4.2.** Қабул ба аъзогии маҳфил ихтиёрӣ буда, донишҷӯён дар асоси тести махсус ва натиҷаҳои фаъолияту давомот ба дарсҳо пазируфта мешаванд.

**4.3.** Аъзоёни маҳфил метавонанд мустақилона оид ба ягон мавзӯъ ҷаласа барпо намоянд.
**4.4.** Аъзоёни маҳфил ҳуқуқ доранд дар интихоби аъзоёни нав ширкат варзанд ва фаъолияти ҳамдигарро назорат намоянд.
**4.5.** Аъзоёни маҳфил ӯҳдадоранд:
-дар тамоми ҷаласаҳо иштирок намоянд;
-соле ҳадди ақал як маротиба хаттӣ маърӯза намоянд;
-талабот ва қоидаҳои Низомномаро риоя ва иҷро намоянд;
-доир ба қатъ кардани фаъолияти худ ба таври хаттӣ маълумот диҳанд.

## 5. Сохтор ва идоракунии маҳфил.

**5.1.** Маҳфил аз роҳбар, котиб ва аъзоёни он иборат буда, роҳбари маҳфил бевосита ба мудири кафедра (дар ҷаласаи кафедра) ва садорати факулта аз рафти фаъолият ба таври хаттӣ маълумот медиҳад.
**5.2.** Роҳбари маҳфил аз ҷониби мудири кафедра бо розигии аъзоёни кафедра таъин мегардад.
**5.3.** Котиби маҳфил аз тарафи аъзоён дар ҷаласа интихоб мешавад.